# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D КОА – 027 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров оид ба диссертатсияи Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна "Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Муаммои барои таҳқиқ интихобкардаи Ҳошимова Г.Г., ки дорои аҳамияти муҳими илмӣ мебошад, бо он асоснок мегардад, ки дар марҳалаи имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба бачагоне, ки аз ҳамсолон пеш рафта, дорои нишонаҳои зеҳни нодир мебошанд, вазифаи муҳимтарини муассисаҳои таълимист. Аз ин лиҳоз, муаммои лаёқатмандӣ имрӯз дар низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ торафт мубрам мегардад. Ин пеш аз ҳама, бо эҳтиёҷ доштани ҷомеа ба шахсияти эҷодкори нотакрор алоқаманд аст. Рушди низоми кор бо хонандагони лаёқатманд яке аз вазифаҳои асосии илми муосири педагогика ва амалияи таҳсилот дар шароити такмили низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, коркарди нокифоя ва набудани таҳқиқоти махсуси муаммо дар ин самт имкон додааст, ки аз тарафи Ҳошимова Г.Г. мавзӯи зерин барои таҳқиқот муайян карда шавад.

Ба андешаи муаллиф, барои рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чораҳои мушаххаси амалӣ ва имконоти мутобиқ ба он заруранд.

Муаллиф қайд менамояд. ки муаммои мазкур дар назди олимон ва муассисаҳои таълимӣ вазифаи бознигарии роҳҳои рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсолро дар ҷомеаи зудтағйирёбанда мегузорад. Аз ин рӯ, муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки рушди созгори низоми амалиёти таълимии универсалиро дар таркиби амалҳои шахсиятӣ, танзимкунанда, маърифатӣ ва коммуникативии бачагони боистеъдод ва лаёқатманд таъмин намоянд.

Муаллиф дар асоси омузиш ва таҳлили адабиёту рисолаҳои таҳқиқшуда ба хулосае меояд, ки дар шароити ҷумҳурии мо таҳқиқоти алоҳидаи муаммои мазкур мавҷуд нест. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, хулоса кардан мумкин аст, ки мавзӯи таҳқиқшаванда хеле рӯзмарра ва муҳими илми педагогика мебошад ва коркарди илмии он барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда оиди рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ натиҷаҳои нави илмиро дастрас

менамояд, ки он барои ғанӣ гардонидани назария ва амалияи илми педагогика мусоидат мекунад.

Навгониҳои илмие, ки дар натиҷаи таҳқиқоти шахсан гузаронидашудаи муаллиф ба даст оварда шудаанд, боварибахш ва боэътимод буда, дар нуктаҳои зерин инъикос меёбанд:

- сохтори барномаи имконияти педагогии (қоидаҳо ва мундариҷа) инкишофи лаёқатмандии хонандагон коркард шудааст;

- хусусият ва моҳияти мафҳуми «лаёқатмандии бачагон» муайян карда шудааст;

- асоси мундариҷавӣ-технологии (меъёр ва сатҳ, ташхис, методика) инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол коркард гардидааст;

- шароит ва имконияти педагогӣ барои раванди самарабахши рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шудааст;

- имконияти педагогии амалисозии технологияи педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва тариқи озмоиш тасдиқ карда шудааст.

Аҳамияти амалӣ ва назарии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки коркарди асосҳои назариявӣ-илмии мавзӯи мазкур чун пойгоҳи назариявӣ хизмат менамоянд ва дар амалия самаранок татбиқ шудани раванди самарабахши рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нақши муҳим мебозад.

Ҷиҳати хуби таваҷҷӯҳкунандаи таҳқиқот он аст, ки муаллиф тавонистааст маҷмуи имконоти педагогӣ мутобиқ ба самаранок амалӣ гардидани рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоиро коркард намояд.Таҳлили микдорӣ ва сифатии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври саҳеҳ ва амиқ дар рисола ба шакли ҷадвал ва диаграмма инъикос шудаанд.

Бо баробари муваффақиятҳои таҳқиқот дар рисолаи мазкур, ба назари мо, инчунин камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Хуб мешуд, ки дар рисола омилҳои ба рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири манфӣ расонида муайян карда шаванд.
2. Оид ба баланд бардоштани роҳ ва усулҳои рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимон тавсияҳои методӣ коркард карда мешуданд.
3. Дар баъзе саҳифаҳои рисола хатогиҳои имловӣ ва грамматикӣ мушоҳида карда мешаванд.

Умуман, камбудиҳои дар боло зикршуда шакли тавсиявӣ дошта, ба мундарича ва моҳияти баланди илмии рисола таъсири манфӣ намерасонад.

Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф фаҳмиши муаммои муосири рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоиро такмил дода, барои самаранок ва бомуваффақият амалӣ гаштани ин раванд ва муайян намудани унсурҳо ва дигар паҳлӯҳои падидаи мазкур мусоидат менамоянд.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 13.00.01. - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми декабри соли 2017, тахти №78 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое,ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳкиқот дар 25 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намуда, ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд.Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Саҳми шахсии унвонҷуй дар таҳқиқ ва ба даст овардани натиҷаҳо дар навъҳои гуногуни фаъолият: илмӣ, педагогӣ, ташкилӣ ва методӣ зоҳир гардидааст.

Натиҷаҳои ҳосилшуда, ки дар хулосаҳои ҷамъбастии диссертатсия ифода ёфтаанд, фарзияи таҳқикро тасдиқ менамоянд ва ҳаллу фасли доираи масъалаҳои онро собит месозанд.

Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, мутобиқ ба ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳошимова Г.Г. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба

расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 109 – и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳад.

Комиссияи ташхисӣ тибқи Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба ҳисоб гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна “Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА -027-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур, шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

- **Каримова Ирина Холовна** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академик, ноиби Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.
- **Асҳобиддини Шерали** – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ** тавсия карда мешавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхисӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,профессор,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Исломов О.А.**

**Аъзоёни комиссия:**
номзади илмҳои педагогӣ,дотсент
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Шарифов Э.**

номзади илмҳои педагогӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Аминҷонова М.С.**

12 майи соли 2021.